# ТЕХНОЛОГИЯИ КОРБАРӢ БО СИСТЕМАҲОИ АМАЛИЁТӢ

Дар нимаи дуюми солҳои 90-уми асри гузашта ҷои СО MS DOS ва қабатҳои омилии графикии он Windows 3.1 ва Windows 3.11-ро силсилаи системаҳои омилии мукаммали **MS Windows** – Windows-95, Windows-98, Windows-NT, Windows-2000, Windows-Mu, Windows-XP, Windows 7 ва Windows 8 гирифтанд. Калимаи Windows дар забони тоҷикӣ (*виндовз*) тарҷумаи тирезаҳо ё равзанаҳоро дорад. Барои чӣ ин системаро Windows номидаанд? Гап дар он аст, ки дар экран бо ёрии ин система ҳар як барнома дар дохили равзанаи худ тасвир карда мешавад. Бо ёрии элементҳои равзанаҳо бошад, барномаҳо идора ва иҷро карда мешаванд.

Дар MS Windows барои нигаҳдории файлҳо модификатсияи системаи файлии **NTFS** (New Technology File System – системаи файлии технологияи нав) истифода мешавад. Номи файлу каталогҳо дар Windows то 256 рамз дошта метавонад. Ҳангоми номгузорӣ ҳарфҳои хурду калон рамзҳои гуногун ба ҳисоб мераванд.

Дар мавриди кор бо равзанаҳои СО Windows ва замимаҳои система аз манипулятори *муш* ба таври васеъ истифода мебаранд. Тугмаи чапи муш асосан дар ҷудокунии фрагментҳои матнӣ ё объектҳои графикӣ, гузоштан ё соқиткунии байрақчаҳо, интихоби командаҳои *меню* (рӯйхат, номгӯй) ё тугмаҳои панелҳои асбобҳо, манипулятсия бо элементҳои идоракунии равзанаҳои диалогӣ, дар равзана ба самтҳои гуногун тобдиҳии ҳуҷҷатҳо ва ғайра мавриди истифода қарор дода мешавад. Тугмаи рости мушро бештар ҳангоми кушодани *менюи контекстӣ* истифода мебаранд.

*Ярликҳои* Windows барои аз қисмҳои гуногуни дискҳо, бе нусхабардории физикии файлҳо, дастрас намудани программа ва ҳуҷҷатҳо хизмат мерасонанд. Дар *мизи корӣ* (равзанаи асосӣ) на танҳо *пиктограммаи* (нишонаи) замимаҳо ва ҳуҷҷатҳои алоҳида, балки папкаҳоро (каталогҳо, директорияҳо – directories) низ ҷойгир кардан мумкин аст.

Нававарии ҷиддие, ки СО Windows-95 нисбат ба пешомадагонаш ворид намудааст, ин - *Панели масъалаҳои* (Панель задач - Taskbar) он дар мизи корӣ ба шумор меравад. Гарчанде имкониятҳои функсионалии он чандон калон набошад ҳам, вале вай механизми чандсупоришиpo айёнӣ гардонида, раванди аз як замима ба замимаи дигар гузаштанро хеле метезонад. Дар тарафи чапи панели масъалаҳо тугмаи *Пуск* (*Оғоз – Start*), дар тарафи рост – соати системавӣ ва пиктограммаи программаҳои дар лаҳзаи вақти ҷорӣ фаъол ва дар қисми мобайнии он тугмаи замимаҳои кушода (фаъол) ҷойгиранд.

Мизи кории Windows тавре сохта шудааст, ки вай ба таври максималӣ кори навомӯзро осон мегардонад. Истифодабарандаи соҳибтаҷриба бошад, имконият дорад, ки онро мувофиқи эҳтиёҷоти мушаххаси худ ба таври максималӣ ба танзим орад.

Ҳангоми анҷоми кор то системаи оператсиониро мувофиқи қоидаҳои маълум соқит нанамоем, компютерро хомӯш кардан мукин нест. Дар акси ҳол гумшавии иттилооти сабтношуда дар эҳтимол аст.
Windows имрӯз аз вариантҳои аввалаи худ хеле мукаммалтар гардонида шудааст. Ҳар як варианти баъдинаи Windows аз вариантҳои пештарааш имкониятҳои зиёдтар дорад. Рақами ин системаҳо соли пайдошавии онҳоро нишон медиҳад. Масалан, Windows-98 соли 1998 ихтироъ шуда, ба ғайр аз вазифаҳои системаҳои омилии MS DOS ва Windows-95-ро дар бар гирифтанаш, боз имкониятҳои алоқаи шабакавии компютериро таъмин менамояд. Имрӯзҳо варианти хеле ҷадиди ин барнома бо номҳои Windows 7 ва Wibdows 8 мавриди баҳрабардорӣ қарор дорад, ки имкониятҳои хеле зиёдро фаро гирифта ба корбарон муҳити кории одӣ ва осон муҳайё месозад. Махсусан Wibdows 8 солҳои охир истеҳсол шудааст, ки барои мониторҳои ламсӣ ва муқаррарӣ пешбинӣ гардидааст.
Кор дар ҳар гуна варианти Windows аз системаи омилии MS DOS дида осонтар ва қулайтар аст. Чаро? Аввалан, барои ба воситаи DOS идора намудани компютер бо ёрии клавиатура командаҳои зиёди англисиро ба хотираи он дохил намудан зарур аст. Худи командаҳо, вазифаҳои онҳо, параметрҳояшон ва ғайраро аз ёд донистан лозим аст, вагарна барои иҷро намудани ягон амалиёт ҳуҷҷатҳои техникии зиёдро доимо мутолиа намудан ва дар назди худ нигоҳ доштан лозим меояд. Баъдан, ҳар як DOS-программа дар экран намуди зоҳирии ба худ хос ва маҷмӯи командаҳои хоси худро дорад, ки онҳо аз командаҳои программаҳои дигар ба куллӣ фарқ мекунанд. Масалан, амалиёти якхелаи нусхабардорӣ ё несткунии фрагменти матни ҳуҷҷат ва ё гирифтани маълумот оид ба ин ё он ҷабҳаи программа, ки қариб барои ҳамаи программаҳо хос мебошанд, дар ҳар як программа ба воситаи командаҳои гуногун иҷро карда мешаванд. Бинобар он лозим меояд, ки омӯзиши ҳар як DOS-программа аз сифр сар карда шавад.
Чунин норасоӣ ва камбудиҳо дар системаи омилии графикии Windows ҳалли худро ёфтаанд. Windows барои ҳамаи программаҳои худ муҳити ягонаи кориро (***интерфейс***) таъмин менамояд. Яъне амалиёти якхела дар ҳамаи программаҳо бо ёрии командаҳои якхела иҷро карда мешаванд. Ҳатто командаҳои Windows ҳам аз командаҳои DOS ба куллӣ фарқ доранд. Дар Windows ҳар як команда аз рӯйхати махсуси ***меню*** номидашаванда, бо ёрии муш интихоб ва иҷро карда мешавад ва ҳамин тариқ, зарурати командаро аз ёд донистан аз байн меравад.
Аз тарафи дигар, ҳар як Windows-парограмма дар экран дар шакли ягон нишонае инъикос карда мешавад ва барои онро ба кор даровардан танҳо ба ҳамон нишона таъсир расонидан кифоя аст. Азбаски нишонаҳо доимо дар экран намудоранд, бинобар ҳамин номи программаҳоро аз ёд донистан шарт нест.

Бартарии дигари системаи омилии Windows аз DOS дар он аст, ки дар ин ҷо якбора якчанд программаро ба кор даровварда, бо онҳо кор кардан мумкин аст. Илова бар ин иттилооти як программаро дар программаҳои дигар низ истифода бурдан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, системаи омилии Windows:

- ✓ Интерфейси графикии байни компютер ва истифодабарандаро таъмин менамояд.
- ✓ Таъминоти программавии базавӣ ба шумор меравад, ки дар асоси он таҳриргарони матнӣ (масалан, Microsoft Word), ҷадвалҳои электронӣ (масалан, Microsoft Excel), базаи маълумотҳо (масалан, Microsoft Access) ва дигар программаҳои амалӣ кор мекунанд.
- ✓ Идоракунии хотираи компютер ва амалиёти дохилкунӣ ва хориҷкунии иттилоотро ба ӯҳдаи худ мегирад.
- ✓ Программаҳои хидматии махсусро дар бар мегирад, ки онҳо доимо дурустии худи система, программаҳои он, файлҳо, каталогҳо ва дискҳоро месанҷанд ва ба онҳо хизмат мерасонанд.